*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 26 (4766) | ДУШАНБЕ, 26 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|



## ОҒОЗИ МАРҲИЛАИ НАВИ СОЗАНДАГӢ ДАР ДУШАНБЕ

### Муаррифии лоиҳаҳои навсозии минбаъдаи пойтахт ба Пешвои миллат

**23-юми феврали соли 2024 ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ лоиҳаҳои навсозӣ ва ободонии минбаъдаи як қатор кӯчаю хиёбонҳо ва маҳаллаҳои пойтахт муаррифӣ гардид.**

Тавре Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, дар доираи татбиқи минбаъдаи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе, тибқи лоиҳаҳои бо меъёрҳои байналмилалии шаҳрсозӣ таҳиягардида, як қатор кӯчаю хиёбонҳо ва маҳаллаҳои куҳнаи пойтахт мавриди навсозию ободонӣ қарор мегиранд. Аз ҷумла, ободонии канори чапи соҳили дарёи Душанбе дар шафати кӯчаи Абдулаҳад Қаҳҳоров аз буриши хиёбони Саъдӣ Шерозӣ то кӯчаи давродаври ҷанубӣ дар масоҳати наздики 110 гектар бо риояи меъёрҳои иншооти соҳаи маишӣ ва фароғату дилхушӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ба ҳамин тартиб, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ аз буриши хиёбони Неъмат Қарабоев ба самти ғарб то буриши хиёбони Ҷаббор Расулов ва ду шафати кӯчаи Айнӣ то баромадгоҳи шарқии пойтахт дар масоҳати 138,1 гектар навсозию сабзкорӣ мегарданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки зимни таҳияи лоиҳаҳои навсозии маҳаллаҳои истиқоматӣ талаботи санъати баланди меъморӣ, бунёди тамоми зербинои иҷтимоӣ ва коммуникатсионӣ, аз ҷумла, мактабу шифохона, боғчаҳои кӯдакон, марказҳои хизматрасонӣ, варзишу фароғатӣ, боғу гулгаштҳои зебо, инчунин, роҳҳои васеъ, шабакаҳои барқу равшанидиҳӣ, обу корез ва ҳамаи стандартҳои дигари шаҳрсозии муосир ба назар гирифта шаванд. Супориш дода шуд, ки биноҳои истиқоматӣ аз ҳад баланд ба нақша гирифта нашаванд.

Дастуру супоришҳои мушаххас, ҳамчунин, доир ба васеъ ва ободу зебо намудани роҳҳои кӯчаю хиёбонҳо, ободонии атрофи роҳҳо, бунёди эстакада ё худ роҳҳои бисёрқабата дар чорроҳаҳои калони сермошин дода шуд.

Таъкид гардид, ки марказҳои калони савдою хизматрасонӣ ва дигар биною иншооти зарурӣ дар ҳамаи минтақаҳои пойтахт, аз ҷумла дар канораҳои он ҳам бояд бунёд ёбанд, то ки мардум дар ҳама гӯшаҳои шаҳр ба онҳо дастрасӣ дошта бошанд ва ба ин тариқ аз тамбашавии роҳҳо дар кӯчаҳои марказӣ то андозае пешгирӣ карда шавад.

**www.prezident.tj**

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**Моддаи 1.** Дар матни моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 июли соли 2021 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2021, №7-10, мод.534; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2022, № 1888; с.2023, №4-6, мод.151) калимаи «сӣ» ба калимаҳои «чилу ду» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур аз 5 январи соли 2024 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 23 феврали соли 2024, № 2043**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ВАТАНЗОДА**
**ш. Душанбе, 19 феврали соли 2024, № 1229**

## РАҲПАЙМОӢ БО ҶОНИБДОРӢ АЗ ПЕШНИҲОДИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

**21-уми феврали соли 2024 бо иштироки ҳазорон нафар ҷавонону варзишгарон ва сокинони касбу кори гуногун ҷиҳати ҳамовозӣ ва ҷонибдорӣ аз пешниҳоди Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ роҳпаймоӣ доир шуд.**

Ёдовар мешавем, ки муҳтарам Рустами Эмомалӣ пешниҳоди худро ба Созмони Милали Муттаҳид 9 феврали соли 2024 ироа намуданд, ки дар он аз ҷумла, таъкид мегардад: «Мусаллам аст, ки варзиш дар ҳаёти инсоният аз ҷумлаи беҳтарин роҳҳои беҳдошти саломатӣ ва пешбурди тарзи ҳаёти солим, инчунин, василаи муҳимтарини пайванди халқу миллатҳои гуногун ба шумор меравад.



Мардуми сайёраи Замин бештар аз 150 сол аст, ки ба футбол машғуланд ва ин бозӣ аз замони пайдоиш то кунун як вазифа ва як ҳадаф дорад, ки он ба ҳам овардани инсонҳо мебошад. Имрӯз ҳатто дар хурдтарин мамлакати олам одамон ба футболбозӣ машғуланд, яъне, футбол ҳамчун маҳсули эҷоди тафаккури инсонӣ аз як бозии одӣ ба омили пайвандгари инсоният табдил ёфтааст. Маълум аст, ки футбол дар баъзан кишварҳо ҳамчун варзиш маъруф аст, вале он танҳо як бозӣ нест. Ин намуди варзиш як падидаи фарҳанги умумиҷаҳонист, ки марзҳои миллӣ, монеаҳои забонӣ ва тафовутҳои иҷтимоию иқтисодиро убур мекунад. Ин як варзишест, ки ҷаҳонро муттаҳид месозад ва бо забони универсалӣ сухан мегӯяд, ки ба ҳамагон маълум аст, яъне, аз кӯчаҳои пур аз мухлиси шаҳрҳои бузург сар карда, то деҳаҳои дурдасттарини ҷаҳон футболро мешиносанду бозӣ мекунанд. Бо назардошти ин, пешниҳод дорам, ки нақши футболро дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф карда, дар Созмони Милали Муттаҳид аз тариқи қабули Қатъномаи махсуси Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид «Рӯзи ҷаҳонии футбол» расман эълон гардад».

Роҳпаймоии ҷавонону варзишгарон ва сокинони касбу кори гуногун бо ибтикори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе аз ҷониби раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе аз назди шаршараи Наврӯзгоҳ тариқи хиёбони Ҳофизи Шерозӣ то пули мошингузар баргузор шуд. Иштирокчиён пешниҳоди муҳтарам Рустами Эмомалиро якдилона ҷонибдорӣ намуданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

## ИТТИЛОИЯ

### Дар бораи Иҷлосияи ҳабдаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум



**Иҷлосияи ҳабдаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 28 феврали соли 2024, соати 10-00 дар маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.**

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 феврали соли 2024 аз соати 9-00 то соати 17-00 ва 28 феврали соли 2024 аз соати 8-00 то 9-30 дар шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

**Телефонҳо: 221-98-35, 223-19-48.**

## ДАР ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**26-уми феврали соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар таҳқиқ ва истифодаи фазои кайҳон бо мақсадҳои осоишта», «Дар хусуси Ёддоштҳои табодулӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Япония дар доираи Барномаи волонтёрони Япония оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JOCV)» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният интихоб намудани Аюбӣ Б. О.» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулотҳои коркарди он», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» ва «Дар хусуси Созишнома оид ба ҳамкории давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар муқовимат ба коррупсия» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО ҲАМДА БИНТ ҲАССАН АЛ-СУЛАЙТӢ



**23 феврал дар шаҳри Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон дар ҳошияи Иҷлосияи 14-уми Ассамблеяи парлумонии Осиё Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо муовини Раиси Маҷлиси Шурои Давлати Қатар хонум Ҳамда бинт Ҳассан Ал-Сулайтӣ мулоқот намуд.**

Дар мулоқот танзими сафарҳои гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ ба давлатҳои ҳамдигар ва табодули таҷриба ҷиҳати таҳкими бештари ҳамкорӣ зарур шуморида шуд.

Таъкид гардид, ки гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ метавонанд ҳамчун омили тақвиятгари дӯстию ҳамкорӣ байни ҳар ду давлат хизмат намоянд. Маҷлиси намояндагон ба ҳамкории судманд бо ҷониби Давлати Қатар таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд ва робитаҳои парлумонӣ дар фароҳам овардани заминаҳои қонунӣ барои тавсеаи равобити ҳар ду давлат дар ҳавзаҳои мухталиф нақши муҳим дошта метавонанд.

- Парлумонҳои мо метавонанд аз тариқи тасвиби созишномаҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ ба тавсеаи равобити Тоҷикистон ва Қатар нақши муассир гузоранд. Давоми се даҳсолаи гузашта дар тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба байни Тоҷикистон ва Қатар нақши робитаҳои байнипарлумонӣ муассир буд, - тазаккур дод Маҳмадтоир Зокирзода.

Ёдовар мешавем, ки мақомоти қонунгузори ҳар ду давлат дар чаҳорчӯбаи Ассамблеяи парлумонии Осиё, Иттиҳоди парлумонии Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои байналмилаливу минтақавӣ низ ҳамкориҳои судманд доранд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ВАЗИФАДОРЕМ, КИ МУТТАҲИДУ САРҶАМЪ БОШЕМ!

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиро мо, сокинони ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, низ тариқи воситаҳои ахбори омма тамошо кардем, шунидем ва мутолиа намудем.**

Даъвату суханҳои арзишманди Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мо, хоса пиронсолону собиқадорони ҷангу меҳнат, рӯҳу илҳоми тоза бахшида, моро баҳри кору фаъолияти пурсамар роҳнамоӣ менамояд. Акнун ҳамаи мо - шаҳрвандони кишвар вазифадорем, ки дар ин шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, барҳақ, изҳор доштанд, ки «Тоҷикистон ҳамон вақт шукуфону мутамаддин ва халқи тоҷик бою бадавлат мешавад, ки агар мо сарфу харҷи худро ба низом даровarда тавонем».

Имрӯз бо ташаббусу ибтикороти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми минтақаҳои кишвар ҷанбаҳои бузурги созандагӣ ва бунёдкорӣ ҷараён доранд. Ободкориҳо, махсусан ба муносибати Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, вусъати тоза пайдо карда, гӯшаю канори мамлакат симои дигар мегирад.

Ноҳияи Шамсиддин Шоҳин низ аз он ҷумла аст. Симои ноҳия маҳз, бо ҳидояту нишондодҳои Президенти мамлакат ва ташаббусҳои роҳбарияту масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дастгирии мардони саховатпеша, саҳмгузории соҳибкорони бонангу номус ва кулли мардуми сарбаланди ноҳия сол ба сол ҳусни тозаю озодаро касб мекунад.

Аз хотирам ҳеҷ гоҳ зудуда намегардад, ки зимни мулоҳизарониашон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд: «Ҳар як шахсе, ки нангу номус дорад, худро соҳиби Ватан ва фарзанди миллат мешуморад, бояд бо сохтмони иморате, бунёди корхонае, кушодани роҳе, обод кардани маконе, ҳатто шинондани дарахте аз худ нақше боқӣ гузорад. Сангеро аз сари роҳ дур афканад, дасти фитодае бигирад, ҳоҷати бечораеро барорад, бо амали шоиста номи худ ва номи миллатро баланд бардорад. Ман ба мардуми азизи кишвар муроҷиат карда, ҳар яки онҳоро даъват менамоям, ки биёед, Тоҷикистони биҳиштосоямонро ба гулистон табдил диҳем, ободӣ ва тозагию озодагиро аз ҳар хонаву кошона сар карда, то деҳоти дурдасттарин вусъат бахшем, тамоми қаламрави Ватанамонро хурраму сарсабз гардонем ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани худро ба ҷаҳониён собит намоем. Ман ба ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, нияти неку азми қатъӣ ва саъю талоши созандаи мардуми шарафманди Тоҷикистон эътимоди комил дорам».

Бо итминон изҳор менамоям, ки мо агар ҳама якҷо ба кору фаъолияти аҳлона машғул гардем, Ватани азизамонро, хусусан, то ҷашни бузурги миллӣ - 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ ободу зебо месозем, давлати соҳибистиқлоламонро пешрафта мегардонем ва эътибору обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баландтар мебардорем.

Дар ин умри 85-солаам пастию баландиҳои зиёдро дидам, бо хубу бади ҳаёт аз наздик ошно гаштам ва махсусан, аз ҳаёту фаъолияти аксари роҳбарони аввал хуб воқифам. Рӯирост мегӯям, ки агар Шумо - Ҷаноби Олӣ намебудед, ҳоли мардуми тоҷик хароб мешуд ва агар Шумо намебудед, вазъи рӯзгор, аҳволи халқи мо вазнину мураккабу муташанниҷ мегашт. Аз даргоҳи Яздони пок таваллою илтиҷо мекунем, ки ҳамеша Сарвари маҳбуби давлатамонро дар паноҳу исматаш нигоҳ дорад.

Бояд иқрор шавам, ки ҳар як ташрифи Пешвои миллат ба ноҳияи Ш. Шоҳин як рӯйдоди муҳим, хотирмон ва такондиҳандаи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-маънавии ноҳия маҳсуб меёбад, ки мардуми меҳнатдӯст ва меҳанпарасти моро барои боз ҳам ободу зебо гардондани Ватани азизамон ҳидоят намуда, рӯҳбаланд мегардонад. Мардуми ноҳия - пиру барно, зану мард, ҷавонписарону ҷавондухтарон, ҳизбиён ва дигар табақаҳои ҷомеа аз таваҷҷуҳ, ғамхорӣ ва дастгирии ҳамарӯзаи Пешвои миллат миннатпазиранд ва нисбат ба он кас эътиқоду садоқати беандоза доранд, Сарвари давлати худро зиёд дӯст медоранд ва ҳамеша интизори ташрифи муборакi Ҷаноби Олӣ мебошанд.

Итминон медиҳем, ки минбаъд низ тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона месозем.

**Сафаралӣ НАЗАРОВ, собиқадори ҷангу меҳнат, сокини деҳоти «Чагам»-и ноҳияи Ш. Шоҳин**

# ҲАЙАТИ ҲИЗБИ КОММУНИСТИ ЧИН ДАР ПАРЛУМОНИ ТОҶИКИСТОН



**22 феврал муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ бо узви Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Чин, муовини якуми директори мактаби ҳизбии Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Чин Се Чунтао мулоқот намуд. Зимни мулоқот Мавсума Муинӣ иброз дошт, ки Тоҷикистон ва Чин давоми таърих бо ҳусни ҳамҷаворӣ зиста, ба ҳамдигар дӯстони неку шарикони боэътимод мебошанд. Дар ин ҷода саҳми бузурги роҳбарони ҳар ду давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Си Ҷин Пин махсусан муҳим арзёбӣ гардид.**

- Аз даврាи барқароршавии робитаҳои дипломатӣ байни мамлакатҳои ҳамсоя ҳамкориҳои дуҷониба бар пояи эҳтироми тарафайн, баробарӣ ва барои ҷонибҳо самарабахш рушду такомул меёбад. Ин муносибатҳо ба шарофати кӯшиш ва иродаи неки ҳар ду ҷониб ба сатҳи шарикии стратегӣ расида, барои ҳамкориҳои бисёрсамта таҳкурсии муносиб гузоштанд, - афзуд Мавсума Муинӣ.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқ робитаҳои мустаҳками дуҷониба амалӣ намудаанд, ки дар густариши эътимоди сиёсии ҳар ду давлат нақши муҳим дорад. Бояд гуфт, ки байни парлумонҳои ҳар ду мамлакат ҳамкории самарабахш амал намуда, гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонии Тоҷикистон ва Чин таъсис ёфтаанд. Истифодаи самараноки иқтидори ин гурӯҳҳои дӯстӣ ба манфиат мебошад.

Ҷонибҳо дар бораи таҳким бахшидани робитаҳои байнипарлумонӣ, алалхусус, равнақ додани ҳамкорӣ байни кумитаҳо ва гурӯҳҳои дӯстӣ, ҳамкории мутақобилаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактаби ҳизбии назди Ҳизби коммунисти Чин, табодули таҷриба, рушди ҳамкории иқтисодӣ дар доираи ташаббуси «Як камарбанд - як роҳ», равнақ додани робитаҳо дар соҳаи энергетика, иқтисоди «сабз», ҳамкории ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар масоил табодули афкор намуданд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

**Қарзи имонӣ ва вазифаи виҷдонию инсонии ҳар яки мост, ки истиқлолу озодии давлати тоҷиконро чун неъмати муқаддаси ҳаётамон ва мисли гавҳари бебаҳои зиндагиямон гиромӣ дорем ва барои ҳимояи он ҳамеша омода бошем.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Бузургмардони адабиёти ҷаҳонгири классикамон он қадар ғояҳои баланди инсонпарваронаро мавриди ситоиш қарор додаанд, ки мо, ворисон, дар боби башардӯстӣ фидоӣ шудаем. Мутаассифона, ҳамин ҷиҳат ба нуқтаи нисбатан осебпазири мо бадал гашта, аз ҷониби бадхоҳони мо суиистифода мешавад. Ҳамин шуду ба сари миллати мо, ки аҳли оламро ба ваҳдату ягонагӣ, тақсимнопазирии ватани ягона - Замини муқаддас ҳидоят менамояд, дар ҳама давру замон тохтутозу шамшеркашиҳо сурат мегирифт. Мисоли тозааш бо суиистифода аз номи ислом бо об рехтан сари арзишҳои миллию ватандорӣ даст ба кор асту дигаре сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишварро хати батлон кашиданӣ мешавад. Парвои тақдири миллату меҳан надоранд. Фурсати он омада, ки сохторҳои салоҳиятдор дар муқобили иғвогариҳои рӯҳониёни иртиҷоӣ, мағзшӯию ба таассубу ифрот кашидани ҷавонон мубоrizаро пурзӯр намоянд. Ҳифзи суботу амнияти миллату давлат, тақдири миллат, Тоҷикистони азиз қарзу фарзи ҳар фарди солимфикри кишвар бояд бошад.

# САҶДАГОҲИ МО ЯКЕ БОШАД – ВАТАН!

ҷанги таҳмилии солҳои навадуми асри гузашта мебошад. Ба амри Яздони пок, талошу фидокориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳу ваҳдати саривақтии тоҷикон мушти обдоре гардид бар даҳону бинии нотавонбинон. Оре! Абёти Шайх Саъдӣ бо

**Бани одам аъзои якдигаранд,**
**Ки дар офариниш зи як гавҳаранд,**

ки дар пешайвони СММ бо ҳуруфи зарҳалӣ ҳаккокӣ гардидааст, асрҳост аз оламиён даъват ба ҳамзистии осоишта дорад, вале ин ҳама ба гӯши душманони миллати тоҷик чун ба гӯши мурда азон хондан аст. Яке аз омӯзгорони донишгоҳ нақл намуд, ки ҳамроҳи завҷааш, ки зани гулчеҳраю зебоандом будааст, сайр доштаанд. Ногаҳон ду-се ҷавони бадахлоқ бесабаб ба онҳо часпиданд.

- Ман аз Рӯдакию Саъдӣ ба онҳо панд доданӣ мешудам, вале онҳо мани афтодаро зери мушту лагад гирифта, кай парвои «Мардӣ набувад фитодаро пой задан!», доштанд, - қисса кард омӯзгор.

Дар даврони шуравӣ аз интернатсионализми баланди худ аз ҳама зиёд мо, тоҷикон, ҳудуду арзишҳоямонро аз даст додем. Душманони миллати тоҷик аз як тараф рӯҳияи баланди гуманистона, аз тарафи дигар иллатҳои то ҳанӯз боқимондаи мо, тоҷиконро моҳирона омӯхтаю устокорона ба нафъи худу зиёни мо истифода намуданд. Ҳамаи кулфату мусибатҳои сари «миллати мо бар миллати дигаре теғ накашида»-ро ҳам мутаассифона, ҳамин гуманизми аз ҳад зиёд боис гардида, ки то ҷое манфиати миллиро ба қурбонӣ овардаем.

Воқеаҳои фоҷиабори солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои миллати мо имтиҳони ҷиддии таърихӣ буданд ва мо аз он давраи ниҳоят сангин барои имрӯзу оянда сабақҳои фаромӯшношуданӣ бояд гирифта бошем. Мутаассифона, ҳанӯз ҳам кам нестанд, унсурҳои хиёнаткору ҷиноятпешае, ки нақшаҳои ифлос бар сар доранд. Ба хотири манфиати шахсӣ аз разолат рӯ намегардонанд. Дар ҳамдастӣ бо аҷнабиён нақшаҳои хоинонаро тарҳрезӣ доранд. Яке

Дар акси ҳол дар ин дунёи ноором, дар вазъияте, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар иҳотаи дасисаву низоъ, тазйиқу фишорҳо қарор дорад, номаълум мемонад, ки моро чӣ интизор аст? Беҳуда сарвазири вақти Англия Черчилл нагуфта буд: «Англия дӯстони абадӣ надорад, балки манфиати абадӣ дорад». Дӯстонро ҳам, душманонро ҳам бисёр дидем, ки дидем.

Тоҷик ҳамеша ҷонибдори сулҳ, ваҳдат, дӯстию бародарӣ буд ва хоҳад монд. Дар баробари он ҳама фазилатҳои нек мо бояд омодаи рафъи ҳама гуна хиёнатҳо бошем. Манфиати миллӣ, бечунучаро муқаддаму муқаддастар аз динию мазҳабист. Миллати тоҷик на танҳо мероси бойи адабӣ, балки мавриди ҳарбӣ-ватандӯстӣ низ намунаҳои беҳтаринро аз худ боқӣ гузоштааст. Сарлашкарону қаҳрамононе чун Куруши Кабир, Исмоили Сомонӣ, Шоҳбол – шоҳи Хатлони ғосибони арабро шикастдода ва боис ба эҷоди шеъри таърихии «Аз Хуталон омадия...» гардида, Муқаннаъ, Спитамен, Темурмалик, Восеъ, Қаҳрамонони Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва бисёр дигар мебошад, ки бо диловарию шуҷоат ва намунаи баландтарини ватандӯстиашон ном дар таърих гузоштаанд. Асари безаволи Фирдавсии бузург «Шоҳнома» намунаи беҳтарини дарси далерию ватандӯстӣ ва китоби рӯимизии ҳар афсару сарбози Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар мебошад. Чигунагии сохторҳои қудратӣ, артиши тоҷикро ин мушовири бузурги илми ҳарбӣ ҳанӯз чанд аср пеш таъкид намуда буд:

**Пароканда лашкар наояд ба кор,**
**Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.**

Замони он расида, ки шиори мо, тоҷикон, ҳам «Манфиати абадии Тоҷикистон!» гардад.

**Шиори мо тоҷикон бояд яке бошад:**
**Ваҳдат! Ваҳдат! Ва боз ҳам Ваҳдат!**
**Саҷдагоҳи мо яке бошад:**
**Ватан! Ватан! Ватан!**
**Сарвати мо яке бошад:**
**Садоқат! Садоқат! Садоқат!**

**Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»**

# АЗ ХАЙМА ТО СОХТОРИ НЕРУМАНД

**Дар арафаи Рӯзи Артиши миллӣ месазад аз таърихи таъсиси ин ниҳод, ки зодаи даврони истиқлолият ва яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад, мухтасар ёдовар шавем. Махсус бояд таъкид кард, ки замони соҳибистиқлол гардидани кишварамон мо Артиши миллӣ надоштем.**

Илова бар ин, дар заминаи муносибати дуюмдараҷа зоҳир намудани роҳбарони вақти кишвар имкон фароҳам шуд, ки силоҳу муҳимоти ҳарбии дар кишвар мавҷудбуда берун бурда шавад. Дар он марҳилаи ҳассос, ҳамон тавре ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуданд: «Мо на Вазорати мудофиа доштем, на иншооти инфрасохторӣ, на заминаи зарурии моддию техникӣ ва на мутахассису кадрҳои касбӣ».

Бо вуҷуди ин, Пешвои миллат ташкили Артиши миллиро аз рӯзҳои аввали Роҳбари давлат интихоб шудан дар маркази диққат қарор доданд. Ин иқдоми таърихӣ низ ба Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ марбут буда, 18-уми декабри соли 1992 фармони Раёсати Шурои Олӣ дар бораи таъсис додани Артиши миллӣ ба имзо расид. Шурӯъ аз ҳамон вақт бо ташаббуси Роҳбари мамлакат, сарфи назар аз мушкилоти зиёд, барои бунёди инфрасохтор ва таъсиси қисму воҳидҳои низомӣ тадбирҳои бетаъхир андешида шуданд.

Дар навбати аввал, 23-юми феврали соли 1993 Қӯшунҳои хушкигард, ки асоси Қувваҳои Мусаллаҳро ташкил медиҳанд ва неруи сершумортарину пешбарандаи амалиёти ҷангӣ ба ҳисоб мераванд, таъсис дода шуданд ва аз рӯзҳои аввал барои мубориза бар зидди гурӯҳҳои зиддиҳукуматӣ, барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва ба эътидол овардани вазъи ҳарбию сиёсии мамлакат сафарбар гардиданд.

Муҳимияти ин иқдом дар он зоҳир мегардад, ки замоне ки дар кишвар ҳанӯз ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, Пешвои миллат ба ташкили қисму воҳидҳои ҳарбӣ, муҳайё намудани заминаҳои моддию техникӣ, омода кардани афсарону сарбозони далеру шуҷоъ иқдом намуда, хушбахтона, комёб гардиданд. Аз ҷониби дигар, Қувваҳои Мусаллаҳи мо аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ дар мубориза барои барқарорсозии Ҳукумати конститутсионӣ ҷонфидоӣ карда, ташаккул ва обутоб ёфтанд.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд: «Афсарону сарбозони далеру шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душвори мухолифати дохилӣ қарзи ватандорӣ ва рисолати ватандӯстонаи худро иҷро карда, дар ҷодаи барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва ба эътидол овардани вазъият дар кишвар саҳми басо арзишманд ва таърихӣ гузоштанд».

Бо ин мақсад як қатор қонунҳои нав, аз ҷумла «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мудофиа» ва «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» қабул гардиданд ва ҳадафу вазифаҳои сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ дар самти ташкили мудофиа ва ҳимояи кишвар муайян карда шуданд.

Дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар таъсис додани Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал, ҷузъу томҳои таъиноти махсус, муассисаҳои таҳсилоти низомӣ ва қисмҳои ҳарбӣ оид ба таъминоти ҷузъу том идомаи мантиқии ин раванд ба ҳисоб меравад.

Ҳатман бояд ёдрас шавем, ки замони таъсиси Артиши миллӣ мо хеле кам афсарону мутахассисони касбӣ доштем. Бинобар ин, яке аз аввалин воҳидҳои ҳарбие, ки дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ таъсис ёфт, муассисаи таълимии Коллеҷи ҳарбӣ буд, ки имрӯз ҳамчун Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа фаъолият карда истодааст.

Тавре соли гузашта Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтанд: «Дар зарфи сӣ сол муассисаҳои олии ҳарбии мамлакат ва давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонро 5300 нафар, аз ҷумла академияҳои ҳарбии хориҷи кишварро 650 нафар ҷавонони мо хатм карда, ҳоло аз байни онҳо садҳо нафар хизматчиёни ҳарбии дорои рутбаи олии ҳарбӣ дар вазифаҳои роҳбарию фармондеҳии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ фаъолият доранд. Дар маҷмӯъ, дар замони соҳибистиқлолӣ барои бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани Артиши миллӣ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар дар дохил ва хориҷи мамлакат беш аз 28 ҳазор мутахассис тайёр карда шуд».

Ҳифзи марзу буми кишвар аз таҳдиду хатарҳои замони нав, хусусан дар ҷаҳони пурҳаводиси муосир, таъмин намудани амнияти давлату миллат ва суботу оромии ҷомеа танҳо бо доштани Қувваҳои Мусаллаҳи муташаккилу тавоно ва муҷаҳҳаз бо таҷҳизоту техникаи пешрафтаи ҳарбӣ ва муҳимтар аз ҳама, хизматчиёни ҳарбии ватандӯсту ватанпараст, далеру ҷасур ва содиқ ба давлат ва халқи Тоҷикистон имконпазир мебошад.

Дар робита ба ин Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Вазъи бисёр мураккабу ноороми ҳарбиву сиёсӣ, ки имрӯз минтақа ва ҷаҳонро фаро гирифтааст, инчунин, торафт вусъат пайдо кардани миқёси хатару таҳдидҳои муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, ҷиноятҳои киберӣ, қочоқу муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ тақозо менамоянд, ки барои пурзӯр намудани иқтидори мудофиавии кишвар ва боз ҳам баланд бардоштани сатҳи омодабошии ҷангии ҷузъу томҳои ҳарбӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд».

Дар маҷмӯъ, боиси ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ аст, ки Артиши миллии 31 сол қабл дар як хайма таъсисдодаи Пешвои миллат имрӯз ба як сохтори неруманду боэътимод табдил ёфта, қодир аст, ки дар ҳама ҳолат марзу бум ва манфиатҳои миллию давлатиро шоиста ҳимоя намояд.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ФРАКСИЯИ ҲХДТ ДАР МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН



**20 феврали соли 2024 ҷаласаи навбатии Фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он се масъала - аз вазифаи муовини якуми раиси Фраксияи ҲХДТ дар Маҷлиси намояндагон озод намудани Гулаҳмадзода Зулфиқор, аз ҳайати Фраксияи ҲХДТ дар Маҷлиси намояндагон баровардани Мансурӣ Дилрабо, Гулаҳмадзода Зулфиқор, Қурбонзода Маҳмадалӣ ва омодагӣ ба таҷлили Ҷашни 30-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Раиси Фраксияи ҲХДТ дар Маҷлиси намояндагон Фозил Обидзода иброз дошт, ки бо фармону қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурӣ Дилрабо Сайдулло, Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад ва Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат ба вазифаҳои дигар таъйин гардидан. Тибқи қарорҳои Маҷлиси намояндагон ваколати вакилии Мансурӣ Дилрабо Сайдулло, Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад ва Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат бо сабаби ба вазифаи дигар таъйин гардиданд, пеш аз муҳлат қатъ карда шуд. Бинобар ин, зарур аст, ки Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад аз вазифаи муовини якуми раиси фраксия озод, Мансурӣ Дилрабо Сайдулло, Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад ва Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз ҳайати фраксия бароварда шаванд.

Вобаста ба масъалаи сеюм Фозил Обидзода иттилоъ дод, ки соли ҷорӣ Ҷашни 30-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҷлил карда мешавад. Таъкид гардид, ки ҲХДТ дар тӯли 30 сол таҳти роҳбарии Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пешрафт ва зиндагии мардуми Тоҷикистон хизматҳои арзанда намуда, дар ободонию шукуфоии кишвар саҳми беназир дорад.

- Дар бинои нави Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бахшида ба Ҷашни 30-солагии ҲХДТ осорхонаи ҳизб ташкил карда мешавад. Дар асоси тақсимоти уҳдадориҳо барои ташкили осорхона ба зиммаи фраксия ҷамъоварии мавод доир ба замони истиқлолияти давлатӣ, қабули Конститутсия, интихоби Президент ва фаъолияти Фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст. Аъзои фраксия вазифадор карда шуданд, ки мақолаҳои ҷолиброро доир ба масъалаҳои зикршуда таҳия ва пешниҳод намоянд ва беҳтаринҳояш барои чопи китоб интихоб мегардад, - афзуд раиси Фраксияи ҲХДТ дар Маҷлиси намояндагон Фозил Обидзода.

Вобаста ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардид.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**



# АЗ НИШАСТҲОИ МАТБУОТӢ

## НАҚШАИ ПАРДОХТҲОИ ГУМРУКӢ БАРЗИЁД ИҶРО ШУД



**Дар нишасти матбуотӣ сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати мамлакат Хуршед Каримзода иттилоъ дод, ки соли 2023 аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ ба буҷет 9 миллиарду 79,6 миллион сомонӣ ворид шуд, ки ин нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 1 миллиарду 670,8 миллион сомонӣ зиёд мебошад.**

Дар робита ба саволи хабарнигори рӯзнома номбурда посух дод, ки сабаби асосии барзиёд иҷро гардидани нақшаи пардохтҳои гумрукӣ чорабиниҳои иловагии марбут ба такмили низоми маъмурикунонии гумрукӣ, аз қабили дуруст муайян намудани арзиши гумрукии моли воридотӣ, таъмини сифатнокии барасмиятдарории гумрукӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ бо субъектони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, пурзӯр намудани фаъолият дар самти пешгирии воридоти ғайриқонунии мол, назорати баъд аз барасмиятдарории гумрукӣ ва тақвияти ҳамкорӣ бо мақомоти гумруки дигар кишварҳо мебошад.

- Аз ҷониби дигар, истифодаи густурдаи воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, технологияи таҳлилу коркарди маълумот дар шакли электронӣ, ғайринақдӣ ва электронӣ пардохт намудани боҷи гумрукию андозҳо, таъсиси низоми «Равзанаи ягона» ва мукаммалгардонии идораи таваккал ба ин раванд таҳрик бахшид. Муҳимтар аз ҳама, ибтикори мазкур вобастагии барасмиятдарории гумрукӣ ва ситондани пардохтҳои гумрукиро аз омилҳои инсонӣ коҳиш дод, ки ин омил низ барои барзиёд таъмин шудани нақшаи пардохтҳои гумрукӣ саҳми бориз дорад, - афзуд Хуршед Каримзода.

Маълум гардид, ки воридоти молу маҳсулот соли гузашта 5 миллиарду 880,1 миллион долларро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 756,6 миллион доллар зиёд мебошад. Содирот бошад, ба 2 миллиарду 434,3 миллион доллар баробар шуда, дар қиёс ба соли 2022-юм 107,0 миллион доллар афзудааст.

Дар соли 2023-юм 3335 ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ ба қайд гирифта шудааст, ки назар ба ҳамин давраи соли 2022-юм 924 ҳолат зиёд аст. Аз ин теъдод 51-тоаш ҷиноят маҳсуб шуда, 3284 ҳолат ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад. Дар маҷмӯъ, бо ҷурмҳои зикршуда 3266 шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд. Илова бар ин, дар натиҷаи баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ ашхоси гунаҳкор ба маблағи 5 миллиону 124,0 ҳазор сомонӣ ҷарима шуда, ба маблағи 2 миллиону 581,9 ҳазор сомонӣ молу маҳсулот мусодира гардид.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

## ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН СОҲИБИ ЗАМИНИ НАЗДИҲАВЛИГӢ ШУДАНД



**7-уми феврал дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон нишасти матбуотӣ доир гардид. Раиси ноҳия Бахтиёр Сафарзода иттилоъ дод, ки соли 2023 ба 16 омӯзгори ҷавон замини наздиҳавлигӣ дода шуд.**

Соли 2023 нақшаи қисми даромади буҷет, бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 112 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 18,5 миллион сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 1,9 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

- Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла ғалладонагӣ 7269 тонна, картошка - 3681, сабзавот - 3982, полезӣ - 3109, мева - 6841, ангур - 978, гӯшт - 5907, шир - 11695, пашм - 90,7, пилла - 0,6, асал - 80,1, моҳӣ 2,1 тонна ва тухм 1 миллиону 280 ҳазор донаро ташкил дод. Инчунин, аз ноҳия 650 тонна маҳсулоти кишоварзӣ содирот шудааст, - афзуд раиси ноҳия.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## ВАҚТЕ САВОЛИ ЖУРНАЛИСТ БЕ ПОСУХ МЕМОНАД...



**- Соли 2023 маҷмӯи маҳсулоти дохилии ноҳияи Ёвон ба 4 миллиарду 105 миллиону 921 ҳазор сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2022-юм 155 миллиону 443 ҳазор сомонӣ зиёд аст. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 1 миллиарду 787 миллиону 785 ва маҳсулоти кишоварзӣ ба 2 миллиарду 318 миллиону 136 ҳазор сомонӣ баробар гардид, - иброз дошт раиси ноҳияи Ёвон Бахтиёр Шарифӣ 14 феврал зимни нишасти матбуотӣ.**

Хабарнигори рӯзнома аз масъулин дар бобати вокуниш ба мақолаҳои танқидӣ, истифодаи нодурусти маблағи буҷет дар муассисаҳои КАТС-и ноҳия, истифодаи заминҳои президентӣ, ғасби заминҳои муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва ба ҳолати аввала баргардондани он пурсон шуд.

Раиси ноҳияи Ёвон гуфт, ки ба мақолаи «Тифлбаророн» расми нави мардумист? Дар ноҳияи Ёвон онро оммавӣ карданианд», ки дар шумораи №146 (4729) рӯзномаи «Садои мардум» аз 27 ноябри соли 2023 чоп шуда буд, аз тарафи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия вокуниш шуд. Мутаассифона, раиси ноҳия ва дигар шахсони масъул бехабаранд, ки вокуниш ба рӯзномаи «Садои мардум» фиристода нашуда, 1 декабри соли 2023 дар шабакаи иҷтимоии Facebook ҷойгир шудааст.

Вобаста ба саволи дуюм раиси ноҳия аз менеҷери КАТС-и ноҳия Изатулло Шарифов талаб кард, ки ба ин савол посух гӯяд, вале мавсуф чизе гуфта натавонист.

Раиси ноҳия ва дигар масъулон нисбат ба ду суоли дигар - истифодаи заминҳои президентӣ, ғасби заминҳои муассисаҳои таълимӣ ҷавоби дақиқ дода натавонистанд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

## НАҚШАИ ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁН 70% ТАЪМИН ГАРДИД



**Дар нишасти матбуотии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе директори иҷроияи он Рустам Ғаниев изҳор намуд, ки айни ҳол дар филиал таҳсил аз рӯи 6 равия ба роҳ монда шуда, дар маҷмӯъ, 450 донишҷӯ таҳсил доранд. Барои таҳсил ва таҷрибаомӯзии донишҷӯён шароит муҳайё гардида, соли гузашта 168 омӯзгори Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов ба донишҷӯён дарс гуфтанд.**

- Соли 2023 ба Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1853 довталаб барои таҳсил дар филиал ҳуҷҷат супурда бошад ҳам, ба ҷои 180 нафар ҳамагӣ 123 нафар дохил гардид, ки 70 фоизи нақшаро ташкил медиҳад. Мушкили асосӣ пурра иҷро нагаштани нақшаи қабул бошад, мушкили дигар дар филиал мавҷуд набудани зинаи магистратура аст. Барои таъсиси зинаи магистратура дар филиал ҳуҷҷатҳоро омода намудаем ва умед дорем, ки масъала мусбат ҳал шавад, - афзуд Рустам Ғаниев.

Ба саволи рӯзноманигорон дар бобати таълими забони давлатӣ дар филиал Р.Ғаниев чунин посух дод:

- Забони тоҷикӣ ва таърихи халқи тоҷик ба донишҷӯён таълим дода мешаванд. Илова бар ин, ҷашнҳои миллию давлатӣ, аз қабили Наврӯз, Сада, Меҳргон, Тиргон, Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ ва Рӯзи Ваҳдати миллӣ бо забони давлатӣ баргузор мегарданд.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

## 236 ДОВТАЛАБИ УНВОНИ ИЛМӢ НОКОМ ШУДАНД. ЧАРО?

**- Аз оғози фаъолият барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ чанд парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия ворид гаштааст? Оё ҳамаи онҳо тасдиқ шуданд? Саволҳое буданд, ки зимни нишасти матбуотӣ журналистон аз раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайфиддин Давлатзода посух пурсиданд.**

Маълум гардид, ки теъдоди парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсияҳои бо ин мақсад воридгардида 2328 адад буда, аз ин шумора 196 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 1953 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 179 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос мебошад. Аз шумораи умумии парвандаҳои воридшуда 1692 диссертатсия тасдиқ шудааст, ки аз он 144 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 1436 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 112 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-fIOKTор аз рӯйи ихтисос мебошад.



Дар маҷмӯъ, 236 қарори шуроҳои диссертатсионӣ доир ба додани дараҷаи илмӣ, бинобар ҷавобгӯ набудан ба талаботи муқарраршуда бекор карда шудааст. Аз 236 диссертатсияи радшуда 116-тоашро диссертатсияҳои ба забони тоҷикӣ ҳимояшуда ва 120-тоашро диссертатсияҳои ба забони русӣ ҳимояшуда ташкил медиҳанд.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

## МИСИС. МУШКИЛИ АСОСӢ НАДОНИСТАНИ ЗАБОНИ РУСӢ



**Директори филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСИС дар шаҳри Душанбе Муъминҷон Ҷӯраев зимни нишасти матбуотӣ, дар посух ба суоли хабарнигори рӯзнома гуфт: «Дар ҳақиқат, тибқи талаботи оинномаи филиал, имтиҳони дохилшавӣ бо забони русӣ бояд сурат гирад, аммо баъзе довталабон онро дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ месупоранд. Донистани забони русӣ аз талаботи асосии филиал ба шумор меравад, аммо на ҳамаи онҳое, ки шомил мешаванд, ин забонро баладанд».**

Муъминҷон Ҷӯраев ин мушкилро асосӣ арзёбӣ намуда гуфт, ки ба раванди дарсазхудкунӣ, албатта, таъсири манфӣ дорад.

- Аз ин лиҳоз, ба донишҷӯёни курси аввал як сол ройгон забони русӣ (иловагӣ) меомӯзем, - афзуд директор.

Муассиса барои саноати коркарди маъдан мутахассис омода менамояд ва бо калонтарин корхонаҳои коркарди маъдани кишвар ҳамкорӣ дорад. Барои гузарондани дарсҳои амалии донишҷӯён озмоишгоҳи омӯзишии коркард ва истихроҷи маъдан таъсис ёфтааст.

Иттилоъ гирифтем, ки соли 2023 кабинетҳои таълимии физика ва химия бо таҷҳизоти нав, ки барои корҳои озмоишӣ муҳим мебошанд, таъмин шуданд. Дар Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин барномасоз», ки соли 2023 миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар доир гашт, донишҷӯ Ибодуллоев Тавҳид ҷойи дуюмро сазовор гардид.

Нақшаи қабули довталабон барои филиал зиёд набошад ҳам, он дар соли сипаришуда 75 фоиз иҷро шуд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

## ДОНИШКАДА БА ФЕҲРИСТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДОХИЛ ГАШТ



**Ректори Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон Заррина Ибодзода дар нишасти матбуотӣ 15 феврал иттилоъ дод, ки дар донишкада донишҷӯён аз Ҳиндустон, Покистон, Малайзия, Нигерия, Бангладеш, Афғонистон ва Ӯзбекистон таҳсил мекунанд, ки шумораашон 71 нафарро ташкил мекунанд.**

Дар Озмуни XVI байналмилалии бонувони ихтироъкор, ки дар шаҳри Сеули Кореяи Ҷанубӣ тариқи маҷозӣ (онлайн) гузашт, омӯзгори донишкада, номзади илми тиб Мижгони Сорбон иштирок карда, барои доруи ихтироъкардааш - «Капсула аз растаниҳои шифобахши ватанӣ - мармараки мускати гиёҳи иссоп ва баргҳои гули печак» барои бемориҳои илтиҳоби гӯшу гулӯ ва бинӣ сазовори ҷойи аввал ва медали тилло гардид.

Дар Намоишгоҳи XVI байналхалқии ихтироъкорони ҷаҳон дар Давлати Қувайт дар баробари намояндагони 65 кишвари ҷаҳон мудири кафедраи технологияи фармасевтӣ ва фармакалогия, номзади илми биология Ҷамшед Ҷамшедов ва ассистенти кафедра С.Б. Холов иштирок намуда, сазовори ҷойи сеюм ва медали нуқра гардиданд.

Муҳимтар аз ҳама, Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон соли 2023 ба «Феҳристи донишгоҳҳо ва донишкадаҳои тиббии байналмилалӣ» дохил шуд.

**Тилло НЕКҚАДАМОВ, «Садои мардум»**

## РАФЪИ НОРАСОИИ ОМӮЗГОРОНИ УНВОНДОР

**- Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт зодаи даврони истиқлолият аст. Он муассисаи асосии омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ дар водии Рашт ба ҳисоб равад ҳам, солҳои аввали фаъолият омӯзгорони унвондор намерасид. Соли таҳсили 2023-2024 ҳайати профессорону омӯзгорони унвондор дар донишкада ба 131 нафар расид, - гуфт ректори донишкада Маҳмадиёр Раҷабзода зимни нишасти матбуотӣ.**



Донишкада, ҳамчунин, дар асоси шартномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чанд мутахассиси рус - доктори илми фалсафа, профессор ва номзади илми филологияро ба кафедраи забон ва адабиёти рус ба кор пазируфтааст.

Иттилоъ гирифтем, ки соли таҳсили 2023-2024 ба донишкада аз рӯи 26 ихтисос қабули 1062 нафар ( 376 нафар буҷетӣ, аз ин 36 нафар квота, 772 нафар шартнома) ба нақша гирифта шуда буд. Дар маҷмӯъ, 529 нафар бо супурдани имтиҳон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон донишҷӯ шуданд, ки 49 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

## ФАРМОНИ ДИЛ

*Ҳамрози Ватан будан,*
*Армони дили мо шуд.*
*Сарбози Ватан будан,*
*Фармони дили мо шуд.*

*Бар пеш равонем мо,*
*Фарзанди замонем мо,*
*Дар ҳифзи Ватан-Модар,*
*Шерони ҷаҳонем мо.*

*Аз дудаи Сомонем,*
*Бо аҳду ба паймонем,*
*Аз меҳри Ватан зинда,*
*Дар синаи ӯ ҷонем.*

*Мо аҳли Хуросонем,*
*Шоистаи давронем,*
*Обод кунем меҳан,*
*Пайваста ба майдонем.*

*Осуда бихоб, хоҳар,*
*Ташвиш машав, модар,*
*Фарзанди азизи ту*
*Бедор чу дар сангар.*

*Ин давлати озода,*
*Ин бахти худодода,*
*Ҷовид бувад сарсабз,*
*Пешрафтаву поянда.*

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

## Туризми таърихӣ-фарҳангӣ. АЗ ПУРРА ИСТИФОДА НАШУДАНИ ИМКОНИЯТ ТО ФОРИҒБОЛИИ МАСЪУЛОН

**Дар бисёр кишварҳо ба ёдгориҳои таърихӣ на танҳо чун ба мероси гузаштагон, балки чун ба инфрасохтор ё объекти сайёҳӣ низ муносибат мекунанд. Чунончи, мисриён солиёни зиёд аст, аз аҳромҳояшон, ки муҳимтарин ва бошукӯҳтарин сохтмонҳои барҷоймонда аз тамаддуни бостониашон ҳастанд ва намоди ин тамаддун низ ба шумор меравнд, ҳамчун объекти сайёҳӣ истифода менамоянд. Барои омадурафти сайёҳон ба ин мавзеъ шароити мусоид ҳам фароҳам овардаанд ва ҳамасола ҳазорон сайёҳи хориҷӣ ба дидани аҳромҳои Миср мераванд. Бостоншиносон солҳои тӯлонист дар ҳудуди аҳромҳо корҳои ҳафриётӣ анҷом медиҳанд, ки ҳар кашфиёти онҳоро Вазорати сайёҳӣ ва бостонии Миср ба хотири ҷалби сайёҳон ҳадафмандона истифода менамояд.**

Агар аз интернет мамлакатҳои оламро барои сайёҳии таърихӣ-фарҳангӣ ҷустуҷӯ намоед, сомонаҳои хориҷӣ дар баробари Италия, Фаронса, ИМА, Ҳиндустон, Марокко ва чандин кишварҳои дигар Ҷумҳурии Исломии Эронро тавсия менамоянд. Аммо дар он ҷо исми Тоҷикистонро, ки тамаддунаш чун кишварҳои дигари олам таърихи тӯлонӣ дорад, пайдо карда наметавонед. Ҳарчанд 5500-солагии Саразми бостонӣ, 2500-солагии ёдгории Тахти Сангин дар доираи чорабиниҳои фарҳангии ЮНЕСКО таҷлил гардида, ба хотири муаррифии ёдгориҳои кишвар дар доираи ин созмони бонуфуз чандин корҳои дигари муҳим анҷом пазируфт, ёдгориҳои таърихиамон барои сайёҳони хориҷӣ то андозае камэътиборанд. Албатта, аз мавзеъҳои таърихию фарҳангии мо ҳамасола сайёҳони хориҷӣ дидан мекунанд, аммо бояд эътироф намоем, ки шумораашон зиёд нест.

Бо мақсади таъмир ва ҷалби сайёҳон ба ин мавзеъҳо дар замони соҳибистиқлолии мамлакат корҳои зиёде сомон ёфтанд. Чанд маротиба «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ» қабул ва амалӣ гардид. Ин иқдом имкон фароҳам овард баъзе қасру марказҳои фарҳангӣ, қалъаву шаҳрҳои бостонӣ, мақбараҳои шахсиятҳои таърихиву ирфонӣ ва дигар мероси моддию маънавӣ навсозӣ шаванд. Аммо ин ҳама барои рушди туризми таърихӣ-фарҳангӣ басанда аст?



Дар ин самт корҳои бештару муҳимтареро анҷом бояд дод. Барои ба ин мақсад ноил шудан ёдгориҳо бояд бештар таъмиру навсозӣ шаванд. Дар ҳудуди ёдгориҳоямон бозёфту иттилооти чизҳои қобили таваҷҷуҳ ба сайёҳон пешкаш гардад, то ин мавзеъҳо хатсайрҳо ташкил шаванд... Вале барои анҷоми ин корҳо бисёр маврид масъулин саҳлангоранд, хоса дар навоҳии кишвар. Барои тақвияти иддаои хеш далел дорем: 7-уми декабри соли гузашта бо ташаббуси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон муҳокимаи парлумонӣ баргузор шуд, ки дар он иҷрои «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021-2025» мавриди баррасӣ қарор гирифт. Собит шуд, ки дар самти ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ мушкилӣ кам нест. Бештари ёдгориҳо дар ноҳияҳо ҷойгиранд ва масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд барои ҳифзи онҳо масъулият эҳсос намоянд, аммо на ҳамеша чунин аст. Тавре узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Ғиёсиддин Шарифзода гуфт: «Аз беаҳамиятии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо баъзан замини ёдгориҳо барои сохтмон ё замини кишт истифода мешаванд. Ҳоло Вазорати фарҳанг 3413 ёдгории таърихию фарҳангиро (ин рақам ниҳоӣ набуда, бо назардошти иловаи ёдгориҳои бостонӣ меафзояд) ба рӯйхат гирифтааст, аммо дар аксари шаҳру ноҳияҳо дар харитаҳои заминсозӣ ин ёдгориҳо ва мавзеъҳои муҳофизатии онҳо қайд нагардидаанд».

Барои иҷрои «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021-2025» бисту шаш миллиону ҳаштсаду сенздаҳ ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки пурра аз ҳисоби буҷети давлатӣ мебошад. Қисме аз маблағҳои дар барнома пешбинишуда бояд аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо пардохт шавад. Вале аз гузориши муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Манучеҳр Шарифзода маълум гашт, ки аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба ин мақсад маблағ ҷудо нашудааст.

Дар доираи барнома солҳои 2021-2023 аз ҷумла, қалъаи Бишкент дар ноҳияи Носири Хусрав, масҷиди таърихии Шоҳи Хомӯш дар ноҳияи Муъминобод, мақбараи Хоҷа Сангхок дар ноҳияи Варзоб, мақбараи Хоҷа Нақшрон 1 ва 2 дар шаҳри Турсунзода тармим гардиданд. Корҳои лоиҳакашӣ ва бостоншиносӣ дар ёдгориҳои таърихии Золи Зар, Тахти Сангин, Қалъаи Ҳулбук, чашмаҳои Кӯлоб ва Хоҷа Нақшрон анҷом ёфта, иҳотаи Қалъаи Золи Зари ноҳияи Фархор идома дорад. Дар масҷиди таърихии Дар-Дари ноҳияи Айнӣ девори кандакорӣ ва наққошии шифти айвон барқарор шуданд, ки пурра аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳурӣ (зимнан, дар доираи барнома солҳои 2021-2023 ба ин мақсад 8745,0 сомонӣ ҷудо шудааст) мебошад.

- Дар асоси банди 13-и барнома барои иҷрои сертификатсия, банақшагирӣ, тайёр ва гузоштани нишонаҳо, таҳияи шиносномаи илмии ёдгориҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо низ вазифадоранд. Мутаассифона, ин банд то имрӯз аз ҷониби ягон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо иҷро нагардидааст, ҳол он ки ба ин хотир масъулини Вазорати фарҳанг ба 68 шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ мактуб ирсол намуда буд,- гуфт сардори шуъбаи ҳифз ва истифодаи мероси таърихию фарҳангии Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ Мирзошариф Абдусаломзода.

Амали дигаре, ки муҷиби рушди сайёҳии таърихӣ-фарҳангӣ дар ҷумҳурӣ шуда метавонад, реклама ё тарғиби дурусти ёдгориҳо мебошад, ки ин вазифаи масъулини Кумитаи рушди сайёҳӣ арзёбӣ мешавад. Эътироф бояд кард, ки менеҷерҳои соҳа дар ин самт «бо ду по меланганд». Барои мисол, соли 2023 силсилаёдгориҳои таърихию фарҳангии Шоҳроҳи бузурги абрешим: долони «Зарафшон-Қароққум» қалъаҳои Ҳисорак, Гардани Ҳисор, Қум, Муғ, Тали Хамтӯда, Оромгоҳи Хоҷа Муҳаммади Башоро, низоми обёрикунии Токсанкорез, шаҳраки Санҷаршоҳ, Панҷакенти қадим ба Феҳристи асосии мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил шуд. Аммо ин иттилоъро ба ҷуз аз расонаҳо оё дар овезаи тарғиботии дигаре дидем?

Мисоли дигар барои тақвияти андеша: ёдгории табиию фарҳангии (эътибор диҳед - табиию фарҳангӣ) Боғи миллии Тоҷикистон ҳанӯз соли 2013 ба Феҳристи асосии мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидааст. Аммо бар иллати дуруст ва ҳадафмандона тарғиб нашудан кам касон иттилоъ доранд, ки боғ аз ҷиҳати бузургӣ дар Осиёи Марказӣ назир надорад. Масоҳати он 2,6 миллион гектар буда, 18 дарсади масоҳати умумии Тоҷикистон, 60 дарсади ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 40 дарсади минтақаҳои Лахшу Сангворро дар бар мегирад.

Бинобар ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дастур доданд: «Дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида – Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ таъсис дода шавад». Тавзеҳ дода шуд, ки ҳадаф аз таъсиси чунин як сохтори махсус густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ дар ин самт мебошад.

Умед дорем, ки минбаъд масъулини соҳа, хоса дар навоҳӣ, ба ёдгориҳои таърихиву меъмориамон ҷиддӣ муносибат менамоянду кормандони Кумитаи рушди сайёҳӣ ин мавзеъҳоро дуруст тарғиб.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 28 марти соли 2024 музоядаи № 35-ро оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| т/р № | Номгӯй | Суроға | Масоҳати умумии қитъаи замин (га) | Масоҳати умумии бино ва иншоот (м$^2$) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳавлии истиқоматӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Б. Ҳилолӣ 88 | 0,06 | 301,9 | 1 047 894 |
| 2 | Толори фурӯши автомобилҳо | шаҳри Ҳисор, деҳоти Сомон, деҳаи Авғонобод | 0,84 | 1207,4 | 10 236 337 |
| 3 | Мағоза ва дорухонаи хусусӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи И.Сомонӣ, хонаи 26 | 0 | 206,2 | 437 041 |
| 4 | Хирмани маркази кооперативи тиҷоратии «Ҳайдар Миров» | шаҳри Ҳисор, деҳоти Навобод, деҳаи Ҳамдилон | 0,43 | 700,0 | 1 186 920 |
| 5 | Заводи асфалтбарорӣ бе таҷҳизот | шаҳри Ҳисор, деҳоти Сомон, деҳаи Авғонобод | 2,72 | 634,7 | 2 763 545 |
| 6 | Тарабхона | шаҳри Ваҳдат, деҳаи Тангаӣ | 0,25 | 164,4 | 542 441 |
| 7 | Терминали воситаҳои нақлиёти боркаш ва мусофирбар | ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Ватан | 0,30 | 666,2 | 587 608 |
| 8 | Нуқтаи таъмири нақлиёт | ноҳияи Шаҳринав, деҳоти Сабо, деҳаи Қади ҷӯйбор | 0,80 | 1931,8 | 1 288 486 |
| 9 | Шипанг (бозорча) | ноҳияи Шаҳринав, деҳаи Чузӣ | 0 | 1000,0 | 1 600 000 |
| 10 | Фермаи ширӣ-молӣ | шаҳри Турсунзода, хоҷагии Наврӯз, деҳаи Навосой | 2,8 | 6797,6 | 2 775 821 |
| 11 | Бинои филиали «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Норак | шаҳри Норак, кӯчаи Ленин 11 | 0,02 | 203 | 1 632 343 |
| 12 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Бохтар, деҳоти Зарғар, деҳаи Бешкаппа | 0,09 | 423,3 | 606 410 |
| 13 | Заводи пахтақабулкунӣ ва коркард | ноҳияи Хуросон, деҳоти Ҳилолӣ, деҳаи Пахтаобод | 14,2 | 1618,0 | 1 029 533 |
| 14 | Қисми фермаи чорводорӣ | ноҳияи Ҳамадонӣ, деҳоти Турдиев, деҳаи Иқбол | 3,9 | 5476,7 | 1 369 175 |
| 15 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Хуҷандӣ, хонаи 30а | 0,03 | 92,4 | 215 822 |
| 16 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Э. Шайдо, хонаи 70 | 0,03 | 130,5 | 205 134 |
| 17 | Маркази агроучасткаи №2 | ноҳияи Зафаробод, шоҳроҳи Хуҷанд- Зафаробод | 2,2 | 2402,2 | 448 096 |
| 18 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, Ҷамоати деҳоти Лангар, деҳаи Мадрушкад | 0,05 | 199 | 1 092 960 |
| 19 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Исфара | шаҳри Исфара, кӯчаи Марказӣ 24 | 0,39 | 851,5 | 2 912 151 |
| 20 | Меҳмонхонаи Чкаловск | шаҳри Бӯстон, кӯчаи Кутузов, 10 | 0,09 | 160,4 | 387 622 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10 $^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 13 январи соли 2024 музоядаи № 15-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

**1. Опел астра G, рақами тартибӣ - 13, соли барориш - 2001-2004. Нархи ибтидоӣ - 32000 сомонӣ;**
**2. Опел астра G, рақами тартибӣ - 21, соли барориш - 2001-2004. Нархи ибтидоӣ - 32000 сомонӣ;**
**3. Опел Зафира, рақами тартибӣ - 23, соли барориш - 2001-2004. Нархи ибтидоӣ - 40000 сомонӣ;**
**4. Опел Зафира, рақами тартибӣ - 26, соли барориш - 2001-2004. Нархи ибтидоӣ - 40000 сомонӣ.**

**Эзоҳ:** Автомашинаҳои ба фурӯш пешниҳодгардида дар ҳолати таъмирталаб, бо қисмҳои корношоями бордон, бе чархи эхтиётӣ, аккумулятор, шиносномаи техникӣ ва рақами қайди давлатӣ, ранги автомашина дар офтоб сӯхтагӣ, бо рақамҳои Вин-коди бордони аслии баъзе автомашинаҳо тарошидашуда қарор доранд. Автомашинаҳои мазкур дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд нигоҳ дошта мешаванд.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10$^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ДИҚҚАТ, МУЗОЯДА!

### Рӯйхати дороиҳои ташкилоти муфлисшудаи ҶСП «Кафолатбонк», ки 4 марти соли 2024 ба музояда бароварда мешаванд

| т/р | Суроғаи амвол | Навъи бино | Масоҳати бино | Масоҳати қитъаи замин | Арзиши ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шаҳри Ҳисор, кӯчаи С. Раҷабов 6 | бино ва воситаҳои асосии Корхонаи истеҳсоли риштаҳои гуногуни ҶДММ «Файзи Истиқлол 2011» | 10137,6 м$^2$ | 20900,00 м$^2$ | 77 851 275 сомонӣ |
| 2 | Ноҳияи Фархор, Ҷамоати шаҳраки Фархор, кӯчаи Л. Лангариев | бинои ҶДММ «Замин Текстил» | 4622,37 м$^2$ | 40800,00 м$^2$ | 7 077 332 сомонӣ |
| 3 | Ноҳияи Фархор, деҳаи Кокул | бинои ҶСК «Агрофермаи Кокул» | 162,36 м$^2$ | | 359 500 сомонӣ |
| 4 | Ноҳияи Фархор, Ҷамоати деҳоти Ватан, кӯчаи Сафармад | бинои хоҷагии деҳқонии «Шаҳртеппа» | 1276,0 м$^2$ | | 610 008 сомони |
| 5 | Ноҳияи Восеъ, хоҷагии А. Сино, маҳаллаи Пушёни поён | манзили истиқоматӣ | 447,6 м$^2$ | 2424,0 м$^2$ | 141 088 сомонӣ |
| 6 | Ноҳияи Рудакӣ, Ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Қӯштеппа. | манзили истиқоматӣ | 156,0 м$^2$ | 1150,0 м$^2$ | 585 000 сомонӣ |
| 7 | Шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Лучоб, хонаи 71 | манзили истиқоматӣ | 213,4 м$^2$ | 1510,0 м$^2$ | 470 000 сомонӣ |
| 8 | Ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Садоқат | манзили истиқоматӣ | 488,2 м$^2$ | 1300,0 м$^2$ | 7 600 000 сомонӣ |
| 9 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Деҳлавӣ, хонаи 67/20 | манзили истиқоматӣ | 845,5 м$^2$ | 217,0 м$^2$ | 3 096 683 сомонӣ |
| 10 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон, М-3, бинои 2, ҳуҷраи 16 | манзили истиқоматӣ | 76,1 м$^2$ | | 460 000 сомонӣ |
| 11 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад-1, хонаи 3 | манзили истиқоматӣ | 206 м$^2$ | 790,0 м$^2$ | 1 200 000 сомонӣ |
| 12 | Ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзоб-Қалъа, деҳаи Шафтимиҷгон | манзили истиқоматӣ | 293,1 м$^2$ | 400 м$^2$ | 900 000 сомонӣ |
| 13 | Ноҳияи Кӯшониён, Ҷамоати деҳоти Бӯстонқалъа, деҳаи Орзу | манзили истиқоматӣ | 818,0 м$^2$ | 1500,0 м$^2$ | 1 230 405 сомонӣ |
| 14 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Пирагов, хонаи 17 «а», ҳуҷраи 2 | манзили истиқоматӣ | 54,7 м$^2$ | 127,7 м$^2$ | 200 000 сомонӣ |
| 15 | Шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Шукуфон, хонаи 17 | манзили истиқоматӣ | 108,1м$^2$ | 700 м$^2$ | 1 304 353 сомонӣ |
| 16 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Навобод, хонаи 53 | манзили истиқоматӣ | 423,0 м$^2$ | 1590 м$^2$ | 3 508 350 сомонӣ |
| 17 | Шаҳри Душанбе, таҳти литери 2хп1, кӯчаи Пӯлод Толис, хонаи 85 | манзили истиқоматӣ | 176,0 м$^2$ | 273,0 м$^2$ | 800 000 сомонӣ |
| 18 | Ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Ҷангалак | манзили истиқоматӣ | 136,5 м$^2$ | 642,0 м$^2$ | 508 000 сомонӣ |
| 19 | Ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Ҳуснобод | манзили истиқоматӣ | 90,6 м$^2$ | 341,5 м$^2$ | 250 000 сомонӣ |
| 20 | Шаҳри Душанбе, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Испечак | манзили истиқоматӣ | 256,1 м$^2$ | 0,16 га | 120 000 доллари ИМА |
| 21 | Шаҳри Душанбе, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Муғулон | манзили истиқоматӣ | 470,4 м$^2$ | 1529,6 м$^2$ | 1 000 000 сомонӣ |
| 22 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Ломоносов, хонаи 54/7 | манзили истиқоматӣ | 405,7 м$^2$ | 119,3 м$^2$ | 1 000 000 сомонӣ |
| 23 | Шаҳри Душанбе, аз 3/1 ҳиссаи таҳти литери 2А1/ХП, кӯчаи Ломоносов, хонаи 54/7 | манзили истиқоматӣ | 268,6 м$^2$ | 525 м$^2$ | 600 000 сомонӣ |
| 24 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Саҳбо, хонаи 26 | манзили истиқоматӣ | 127,8м$^2$ | 297,0 м$^2$ | 300 000 сомонӣ |
| 25 | Ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Чоряккорон-дара | манзили истиқоматӣ | 712,9 м $^2$ | 0,14 га | 550 000 сомонӣ |
| 26 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Гулистон, деҳаи Гулистон | манзили истиқоматӣ | 205,4 м$^2$ | | 1 000 000 сомонӣ |
| 27 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷомӣ, хонаи 1 «а», утоқи 21 | манзили истиқоматӣ | 40,7м$^2$ | | 500 000 сомонӣ |
| 28 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав, хонаи 136 | манзили истиқоматӣ | 184,9 м$^2$ | 36,0 м$^2$ | 800 000 сомонӣ |
| 29 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Тунис, хонаи $^{1/2}$, утоқи 20 | манзили истиқоматӣ | 27,6 м$^2$ | | 200 000 сомонӣ |
| 30 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Шедрин, хонаи 21 | манзили истиқоматӣ | 437,7 м$^2$ | 592 м$^2$ | 4 470 000 сомонӣ |
| 31 | Ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Алибой | манзили истиқоматӣ | 409 м$^2$ | 10,701 м$^2$ | 500 000 сомонӣ |
| 32 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Акбар, хонаи 59 | манзили истиқоматӣ таҳти литери 3/1х | 98,8 м$^2$ | 300 м$^2$ | 200 000 сомонӣ |
| 33 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, хонаи 27, утоқи 7 | манзили истиқоматӣ | 55,5 м$^2$ | | 480 000 сомонӣ |
| 34 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, хонаи 27, утоқи 8 | манзили истиқоматӣ | 49,9м$^2$ | | 450 000 сомонӣ |
| 35 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Зартеппа, хонаи 15 | манзили истиқоматӣ | 430,1м$^2$ | 800 м$^2$ | 1 500 000 сомонӣ |
| 36 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, хонаи 36 | бинои маъмурии навсохт | 358,8 м$^2$ | | шартномавӣ |
| 37 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо 4/1 | бинои мағозаи сохтмонаш нотамом | 306 м$^2$ | | шартномавӣ |
| 38 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо 4/1 | таҳхонаи бинои сохтмонаш нотамом | 282,5 м$^2$ | | шартномавӣ |
| 39 | Шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 56/1, хонаи 43 | манзили истиқоматӣ | 62,4 м$^2$ | | 500 000 сомонӣ |

**Ҷойи баргузории музояда** - шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов 9.
**Вақти баргузории музояда** - соати 10:00. **Телефонҳо:** 93-577-56-77, 88904-44-45.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Дастгоҳи гумшудаи назорати хазинавии «Меркурий 115 Ф» №338606-и марбут ба маркази савдои Тоҷикистон эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА № 0191734, ки онро МТМУ №65-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2008 ба Оймаҳмадзода Фарзонаи Мирмаҳмад додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз санади муоинаи Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии (ХДТТИ) Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4-уми ноябри соли 2013 ба Абдуллоева Зарнигор Ҳаноновна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ 25-уми июли соли 2018 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Комсомол, ба Сафедаков Сафаралӣ додааст, эътибор надорад.

✓Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон соли 2023 ба Хайриддини Абдухалил додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА № 1381053, ки онро МТМУ №67-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2022 ба Қарахонзода Оишамоҳ Иброҳим додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓Сафаров Сино, ки дорои Шаҳодатнома бо РЯМ 0930165940 буда, онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор соли 2020 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

✓ҶДММ «Арзон мулк» (РМА 040064807, РЯМ 0410042215), ки 20-уми июли соли 2023 дар Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҳамаи шаҳрвандон ва волоияти қонун

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-52-97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-58-91; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03, 93-458-65-69; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76, 92-771-76-72, 93-535-06-66; ШНТҶ - 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 26 феврали соли 2024, соати 13:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35070 нусха*

Навбатдорони шумора Ф. Файзалиева ва Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97